**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 184 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертстсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқии интихобкардаи Аҳмадзода К.Н. аз ҷумлаи мавзуъҳое ба шумор меравад, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) комилан мувофиқат мекунад. Бояд гуфт, ки мавзуи мазкур бо барномаҳо ва мавзуҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дошта, баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сурат гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Расул Ҳодизода аз шумори олимони маъруф ба шумор рафта, дар раванди инкишофи ҷараёни илмиву адабии садаи бистуми халқи тоҷик хизматҳои арзандаеро анҷом додааст. Осори ин олими мумтоз, ки фарогири масъалаҳои муҳимми ҳаёти адабӣ ва насри муосири тоҷик мебошад, барои пешрафти ҳар ду соҳа саҳми назаррас гузоштааст.

Пас аз охири солҳои панҷоҳуми асри XX то имрӯз олимону адабиётшиносон, амсоли Н. Маъсумӣ, А. Афсаҳзод, У. Каримов, М. Муллоаҳмадов, М. Шакурӣ, С. Улуғзода, М. Муллоҷонов, Ҷ. Бақозода, А. Сайфуллоев зимни пажуҳиши хеш доир ба ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бадеии Расул Ҳодизода чандин мақолаву гузоришҳо навишта, осори ӯро нақд кардаанд, ки барои шинохти фаъолияти илмиву адабии мавсуф муҳим ва арзишманд маҳсуб мешавад.

Дар иртибот бо ин метавон гуфт, ки рисолаи номзадии Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин, ки зери унвони **«Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** ба анҷом расидааст, як

пажуҳиши тозае дар ин самт ба шумор рафта, аҳаммияти он дар дарки нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти илмӣ ва адабии яке аз олимони мумтози тоҷик таъин гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аҳаммияти қобили таваҷҷуҳи кори илмии диссертанти мазкур ва навгонии таҳқиқи ӯ дар он зоҳир мешавад, ки нахустин маротиба дар диссертатсия таҳқиқи ҳамаҷонибаи аҳволу осор ва ҷустуҷӯҳои илмиву бадеии олим ва нависанда, зиндагинома ва муҳимтарин воқеаҳои рӯзгори Расул Ҳодизода бо воқеияти замон ва шахсиятҳои алоҳида, таҳлили мушаххаси фаъолияти илмии ӯ, андешаҳои ин олими мумтоз ба хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори гузаштагон мавриди таҳқиқ ва арзёбии комил қарор гирифтааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он исбот мешавад, ки дар пажуҳиши диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода шуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо дақиқияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот, забони содаву равони илмӣ ва интихоби дурусти мавзуи таҳқиқ сабт гардидааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Аҳмадзода К.Н. аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи дисссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода»** унвон дошта, дорои ду фасл мебошад. Муаллиф кӯшидааст, ки бар асоси маълумоти мавҷуда дар бораи ҷараёни зиндагии олим, гузаштагони ӯ, ки аз ашхоси илмдӯсту маорифпарвар будаанд, маълумот дода, бобати таҳсил дар омӯзишгоҳи педагогӣ, вохӯрии мавсуф бо устод Айнӣ, идомаи таҳсил дар донишгоҳ, шиносоӣ ба аҳли илму адаби ҳамон даврон, фаъолият дар матбуот ба ҳайси мудири шуъбаи маданияти рӯзнома, таҳсил дар аспирантураи шаҳри Москва, ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи осори илмӣ ва бадей-таърихӣ, инчунин солҳои минбаъдаи рӯзгори ин муҳаққиқи соҳибмактабро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Муаллиф дар ин боб ба хулосае мерасад, ки Расул Ҳодизода ҳамчун адабиётшинос дар таҳқиқ ва арзёбии мушкилоти таърихи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ, рӯзгору осори баъзе намояндагони ин адабиёт ва масоили назарии он корҳои назаррасеро анҷом дода, дар ин замина осори муҳимми илмиро ба мерос гузоштааст, ки барои илми адабиётшиносӣ арзишманд мебошад. Ҳамчунин, дар баробари таҳқиқоти илмӣ донишманди мазкур осори бадеии арзишмандеро таълиф кардааст, ки дар таърихи насри бадеии тоҷик дорои мақоми хос мебошад.

Боби дуюм, ки мусанно бо **«Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон»** аст, дорои ду фасл мебошад. Муаллиф дар ин бобу фаслҳо оид ба назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик ва таҳқиқу арзёбии хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқ андешаронӣ карда, ишора менамояд, ки Р. Ҳодизода маҳз бо тарғиби устод Айнӣ дар аввали солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба тадқиқи илмии тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX пардохтааст, ки баъдан дар ин замина корҳои шоистаи илмиро таҳия намудааст.

Яке аз навгониҳои асосии рисола, бешубҳа ҳамин бахши кор маҳсуб мешавад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор таҳлили мушаххаси фаъолияти илмии ин донишманди соҳибмактаб ҷиҳати муайян намудани накш ва ҷойгоҳи ӯ дар илми адабиётшиносӣ ба ин шева мавриди таҳқиқу баррасӣ нагардидааст. Андешаҳои илмии ин донишманди мумтоз перомуни аҳволу осори шуарои классикии адабиёти тоҷику форс дар боби мазкур ба таври ҷолиб бозгӯ гардида, мулоҳизот ва мавқеи фикрии муаллифро муайян намудааст. Муаллифи рисола таҳқиқу арзёбии хусусиятҳои мундариҷавию бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқро ба риштаи баррасӣ кашидааст, ки ҷанбаҳои тафовутпазири рисоларо аз дигар таҳқиқот таъмин намудааст. Дар ин боб, назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик бо далелҳои мушаххас нишон дода шуда, ба таври муфассал арзёбӣ гардидаанд.

Муаллиф ин ҷо ба таври ҷолиб ба хулосае мерасад, ки омӯзиши масъалаҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори адибони гузашта дар тули солҳо мавриди таҳқиқи Расул Ҳодизода қарор гирифта, дар ин замина ӯ ба шинохти усулӣ ва равишманди масоили мазкур муваффақ шудааст. Аз ҷумла, пажуҳишҳои ӯ дар мавриди баррасии сохтори мундариҷавию ғоявӣ, бадеӣ ва тарзи нигориши осори Аҳмади Дониш, гузаштагон ва муосирони вай, ҳамчунин баъзе намояндагони адабиёти даврони Салҷуқиён аз таҷрибаи судманди илмии муҳаққиқ будааст, ки ин мавқеи фикрии унвонҷӯи дараҷаи илмиро муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Муаллифи рисола дар ин бобу фаслҳо масъалаҳои тасвири образи шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда, хусусиятҳои сабки нигориши нависандагии Расул Ҳодизодаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷое бамаврид ишора кардааст, ки он чи ки ӯро ба навиштани осори таърихии бадеӣ водор намудааст, ин аз ҳама пеш ишқ ба

ватану эътиқод ба миллат буда, ҳадафи аслии нависанда шинохти гузашта ва бакоргирии ин таърих ҳамчун сабақ барои имрӯзу оянда мебошад. Аз баррасии муаллиф бармеояд, ки сабки ин нависанда аз нахустин таълифоташ оғоз карда, хусусиятҳои забонии хос, нуктаҳои дақиқу зариф ва лаҳну оҳанги диққатангез дошта, вожаҳо дар ҳикояву қиссаҳо ва романҳои нависанда оҳанги хоси худро доштаанд. Ба андешаи муаллиф, яке аз хусусиятҳои муҳимми сабки нависандагии донишманди мазкур ин устувории сохтори забони осораш мебошад. Ин боби рисола низ фарогири иттилооти тоза ва далелу мисолҳои ҷолиб мебошад, ки барои муайян намудани мақсади муаллиф ба таври комил оварда шудаанд.

Таҳлили бобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи интихобшударо ба таври пайгирона ва илмӣ таҳлил намуда, тавонистааст, натиҷаҳои муҳимми илмӣ пешниҳод намояд.

Хулосаи диссертатсия аз 13 банд иборат буда, дар ин бандҳо натиҷаи таҳқиқ аз масъалаҳои дар мундариҷаи кор овардашуда фароҳам омадаанд. Хулосаи диссертатсия ба равиши вазифаҳои дар таҳқиқот овардашуда ба забони равони илмӣ навишта шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро метавон зимни омӯзиш ва таҳқиқи масоили вобаста ба таърихи адабиёти тоҷик, таърихи ташаккулу таҳаввули насри муосири тоҷик, таҳияи маводди таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт, ҳангоми қироати курсҳои махсус аз назария ва амалияи адабиёти муосири тоҷик, таълифи осори гуногунсатҳи илмӣ, амсоли мақолаҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо ва дигар анвои корҳои илмӣ ба таври васеъ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Диссертант дар робита бо кори анҷомдодааш **6** мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки аз онҳо **4-то** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **2-тои** боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо чоп гардидаанд.

**Маводди ба нашррасида** бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферат аз љониби диссертант **Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муҳассанноти зиёде дар диссертатсия баъзе камбудию иштибоҳ роҳ ёфтааст, ки таҷдиди назари онҳо ба манфиати кори диссертант мебошад:

1. Дар муқаддимаи кор, мубраммияти мавзуи илмӣ оварда шудааст, ки ҳаҷми он аз меъёрҳои нишондодашудаи талаботи қоидаҳои КОА зиёд мебошад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки барои ба меъёр мувофиқ намудани ин фасли диссертасия корбарӣ намояд.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муаллиф оид ба мақолаву гузоришҳои як қатор олимону адибон вобаста ба осори илмиву адабии Расул Ҳодизода маълумоти мухтасар овардааст. Хуб мешуд дар қатори онҳо номи муаллифонеро амсоли Исанов С., Убайдзода А., Самадов А., Ғолибов З., Усмонова Г., Боқиев Ҳ., Маликзод А. ёдовар мешуд, зеро онҳо низ дар бобати фаъолияти илмӣ ва адабии ин донишманди мумтоз мақолаҳои арзишманд навиштаанд.

3. Фасли якуми боби аввал, ки ба зиндагиномаи Расул Ҳодизода бахшида шудааст, миқдори саҳифаҳояш дар диссертатсия аз ҳама фаслҳои дигар бештар ба чашм мерасад (с.13-41), дар мавриде ки фаслҳои вобаста ба таҳқиқотҳои илмиву бадеии рисола бояд зиёдтар бошанд. Хуб мешуд, муаалиф дар ин фасл баъзе ҷумлаҳоро мушаххас ё ихтисор намояд.

4. Тибқи муқаррароти КОА пеш аз оғози муқаддима шакли ихтисораҳо дар саҳифаи алоҳида бояд оварда шавад, аммо дар дисссертатсияи мазкур онҳо ба чашм нарасиданд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ҳаҷми иқтибосҳои овардашуда калон буда, 21 ва 23 сатрро фаро гирифтаанд, дар ҳоле ки ҳаҷми саҳифа 29 сатр мебошад (саҳ. 26, 46, 56 ва ғ.). Ихтисор кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

6. Тибқи муқаррарот бояд пас аз анҷоми ҳар боб муаллиф хулосаҳои илмиро дар саҳифаи алоҳида зери унвони **“хулосаи боби...”** таҳия намояд, аммо мутаасифона дар ягон боби кор хулоса дар шакли алоҳида оварда нашудааст.

7. Гоҳо дар баъзе мавридҳо иборaву ҷумлаҳои овардаи муаллиф оҳанги бадеӣ гирифтааст, монанди ҷумлаи “Вай дар донишгоҳ бо як шавқу ҳавас ва **эҳсоси нави донишомӯзӣ** ба хондан шуруъ кард (с. 19)”. Хуб мешуд, ин гуна иборaву ҷумлаҳо бо сабки илмӣ баён карда мешуданд.

8. Диссертант навишти ному насаби олимони хориҷӣ ва ватаниро дар рисола бу ду гуна овардааст, амсоли Х. Мирзозода, Айнӣ, Ҳ.Этте ва ғ., дар ҳоле ки баъзе мавридҳои дигар исми дигарон ба шакли пурра оварда шудааст, ба монанди Саид Нафисӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва дигарон. Хуб мешуд унификатсияи номҳо якхела сурат мегирифт.

9. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 7, 20, 40, 42, 46, 55, 60, 63, 64, 73, 76, 86, 106, 110 ва ғ.) мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба такмили минбаъдаи кор мусоидат хоҳад кард.

Камбудиву пешниҳодҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд.

**Хулоса,** бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло дарҷшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи номзадии **Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар ин асос, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд Мирзозода Муҳаммадшоҳ Мирзошо
29.07.2026

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 34-13/9.
Тел.: (+992) 938748000.
E-mail: komron74@mail.ru

Имзои Мирзозода М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд Иномҷонова Умеда Сатторовна

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 34.
Тел.: (8 34 22) 5-36-99.
E-mail: didttkhujand@mail.ru
29.07.2026